«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
ректори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба
номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, номзади
илмҳои педагогӣ, дотсент
__________ Сафарзода М.В.
«_____» ________ соли 2025

# ХУЛОСАИ

ҷаласаи кафедраи иқтисодиёти рақамӣ ва идоракунии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

Диссертатсияи Давлаталии Абдусаломзода дар мавзуи «Хусусиятҳои ташаккул ва рушди маркетинг дар корхонаҳо (дар мисоли корхонаҳои саноатии вилояти Хатлон)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D051100 – Маркетинг (6D051101 – Маркетинг) дар кафедраи «Иқтисодиёти рақамӣ ва идоракунӣ»-и Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдулоҳи Рӯдакӣ омода гардидааст.

Давлаталии Абдусаломзода, соли таваллудаш 1994, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон. Соли 2016 Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдулоҳи Рӯдакиро дар зинаи бакалавриат аз рӯйи ихтисоси “Иқтисодиёт ва идора дар корхона”, соли 2020 зинаи магистратураро низ дар Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдулоҳи Рӯдакӣ аз рӯйи ихтисоси “Иқтисодиёт ва идора дар корхона” хатм кардааст.

Номбурда, фармоиши ректори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдулоҳи Рӯдакӣ аз 31.08.2020, №1079 ба ҳайси докторанти (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D051100 – Маркетинг дар муассисаи мазкур дохил гардида, бо фармоиши ректори Донишгоҳ аз 15.07.2023, №158 зинаи мазкурро хатм намудааст.

Бо қарори Шурои олимони Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдулоҳи Рӯдакӣ аз 23.02.2022, № 7/4-7 мавзуи диссертатсияи докторанти (PhD) Давлаталии Абдусаломзода тасдиқ ва роҳбари илмӣ таъйин карда шудааст.

Роҳбари илмӣ: Навруз Носири – номзади илмҳои иқтисодӣ, и.в дотсенти кафедраи назарияи иқтисодии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдулоҳи Рӯдакӣ.

Мавриди қайд аст, ки бо назардошти номувофиқатии ихтисоси хатмкардаи зинаи магистратураи (1-25-01-07 Иқтисодиёт ва идора дар корхона) докторант ба ихтисоси диссертатсияи ҳимояшаванда (6D051100 – Маркетинг), Давлаталии Абдусаломзода дар асоси мактуби Вазорати

маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 02.09.2025, № 07(48)02-491 фарқиятҳои академии зеринро дар зинаи магистратура аз рӯйи ихтисоси 1-260203-Маркетинг супоридааст: идоракунии муассисаҳои тиҷоратӣ 4 (хуб) аз 28.10.2025, сиёсати молӣ дар муассиса 5 (аъло) аз 30.10.2025, нархмуайянкунӣ дар муассиса 5 (аъло) аз 01.11.2025, идоракунии тақсимоти мол бо фурӯш 5 (аъло) аз 03.11.2025 ва муносибатҳои расмӣ ва мунокишаҳои тиҷоратӣ 4 (хуб) аз 05.11.2025.

Диссертатсияи Давлаталии Абдусаломзода дар ҷаласаи кафедраи иқтисодиёти рақамӣ ва идоракунӣ аз 10-уми ноябри соли 2025 муҳокима гардидааст. Ба диссертатсия аз ҷониби муқарризон баҳои мусбат дода шуда, пас аз ислоҳи камбудиҳо ба зинаи навбатии ҳимоя тавсия карда шудааст.

Оид ба натиҷаи баррасии диссертатсия дар мавзуи «Хусусиятҳои ташаккул ва рушди маркетинг дар корхонаҳо (дар мисоли корхонаҳои саноатии вилояти Хатлон)» чунин хулоса қабул карда шуд:

– Мутобиқати номи мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ. Таҳқиқот дар доираи муҳтавои бандҳои зерини Шиносномаи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси илмии 6D051100 – Маркетинг (6D051101 – Маркетинг) иҷро карда шудааст: 1. Ақидаҳои назариявӣ ба табиат ва моҳияти маркетинг, асосҳои ташаккул ва рушди он дар мамлакатҳои дорои иқтисодиёти бозорӣ, 2. Дастгоҳи мафҳумии методологии маркетинг. Таҳаввули консепсияи маркетинг. Консепсияи муосири маркетинги иҷтимоӣ, 3. Асосҳои назариявию методологии таҳқиқоти маркетингӣ. Методҳои коркарди проблемаҳои идоракунии маркетинг. Технологияҳои муосири гузаронидани таҳқиқоти маркетингии бозорҳои молу хизматрасониҳо, 5. Таҷрибаи хориҷии ташкили маркетинг ва истифодаи он дар ширкатҳои саноатию тиҷоратии ватанӣ, 6. Принсипҳои ташкили маркетинги молу хизматрасониҳо. Маркетинги ҳудуд: вилоят, шаҳр, ноҳия, 15. Арзёбии рақибон ва истеъмолгарон, истифодаи он дар раванди такмилдиҳии фаъолияти маркетингии ташкилот, 22. Нақш ва мавқеи кадрҳои маркетолог дар такмили низоми идоракунии корхона.

– Имрӯз рушди устувори бахши саноат бидуни низоми самараноки маркетинг, ки ба пӯёи муҳити бозор, ниёзҳои бахшҳои ҳадафноки он ва мутобиқсозии стратегияҳои пешбурди маҳсулот нигаронида шудааст, ғайриимкон аст. Аз ин рӯ, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, бахусус дар яке аз минтақаҳои калонтарин ва аз ҷиҳати захираҳои иқтисодӣ ғании он, вилояти Хатлон, дар баробари соҳаи кишоварзӣ, саноат бахши муҳимми иқтисодиёт ба ҳисоб меравад.

Мебояд чунин иброз намуд, ки дар асоси таҳлили адабиёти зиёди илмии ватанию хориҷӣ ба хулосае омадан мумкин аст, ки барои арзёбӣ намудан ва рушд додани фаъолияти маркетинг дар корхонаҳои саноатии вилоят равишҳои зиёде мавҷуданд. Дар баробари ин, хусусиятҳои татбиқи стратегияҳои маркетингӣ дар шароити захираҳои маҳдуд, ки хоси иқтисодиёти минтақавӣ мебошанд, таҳқиқоти иловагиро бо назардошти хусусиятҳои маҳаллӣ тақозо мекунанд. Дар ин замина, омӯзиши таҷрибаи ташкили маркетинг дар корхонаҳои вилояти Хатлон, инчунин муайян намудани мушкилоти мавҷуда, маҳдудиятҳо ва роҳҳои рафъи онҳо таваҷҷуҳи хосса дорад.

Ҳамин тариқ, вилояти Хатлон яке аз минтақаҳои калидии саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо иқтидори назарраси рушд арзёбӣ мегардад. Дар сохтори истеҳсоли саноатии вилоят коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, саноати сабук, сохтмон ва саноати кимиё бартарӣ дорад.

– Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ мазмуни асосии таҳқиқотро ифода карда, дар 16 мақолаи илмӣ, ки 7 номгӯй аз онҳо дар нашрияҳои илмии тақризшавандаи феҳристи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 9-тои он дар маҷаллаҳои илмии ҷумҳуриявӣ ва маҷмуаи маводи конференсияҳои илмӣ, амалию назариявии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ ба табъ расида, ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он мутобиқат доранд;

– Натиҷаҳо ва муқаррароти асосии диссертатсия дар конференсияҳои илмию амалии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ тасвиб шудаанд, аз ҷумла «Ташаккули иқтисодиёти сабз ҳамчун омили рушди иқтисодиёти миллӣ» (Кӯлоб, 2024), «Иқтисодиёти корхонаҳо, минтақаҳо, мамлакатҳо: масъалаҳои мубрам ва ҷанбаҳои муосир» (Россия, ш. Пенза, 2024), «Назария ва амалияи таҳқиқоти илмии муосир» (Россия, ш. Петрозаводск, 2025). Хулосаҳои алоҳидаи назариявӣ ва амалӣ дар интишороти муаллиф инъикос ёфтаанд. Нуктаҳои асосии назариявӣ ва амалии таҳқиқот дар раванди таълими зинаи бакалавриат дар Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ аз фанҳои «Маркетинги байналхалқӣ», «Маркетинг дар соҳаҳо», «Таҳқиқотбарии маркетинг» ва «Асосҳои маркетинг» истифода мешаванд (маълумотномаи №25 аз 7 майи соли 2025). Тавсияҳои амалӣ оид ба такмили маркетинг бошад, ба роҳбарияти як қатор корхонаҳои саноатии вилояти Хатлон пешниҳод гардида, дар фаъолияти онҳо қисман амалӣ карда шуданд, аз ҷумла дар ҶДММ «Оила» (санад аз 13 майи соли 2025), ҶСК «Азот» (санад аз 14 майи соли 2025).

– Саҳми диссертант дар он зоҳир мегардад, ки ҳамаи муқаррароти асосии назариявӣ, ҳисобкуниҳои таҳлилӣ, хулосаҳо ва тавсияҳои амалии

диссертатсия аз ҷониби муаллиф шахсан ба даст оварда шудаанд. Довталаб мақсад ва вазифаҳои пажуишро мустақилона муайян карда, сарчашмаҳои илмӣ ва таҷрибаи хориҷиро таҳлил намуда, фаъолияти маркетингии корхонаҳои вилояти Хатлонро таҳқиқ намуда, барои такмили он пешниҳодҳо таҳия кардааст.

Диссертатсияи Давлаталии Абдусаломзода дар мавзуи «Хусусиятҳои ташаккул ва рушди маркетинг дар корхонаҳо (дар мисоли корхонаҳои саноатии вилояти Хатлон)» ба ихтисоси интихобшуда пурра мувофиқат мекунад.

Диссертатсия таҳти унвони “Хусусиятҳои ташаккул ва рушди маркетинг дар корхонаҳои саноатӣ (дар мисоли корхонаҳои саноатии вилояти Хатлон)” ба бандҳои зерини шиносномаи ихтисосҳои илмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз руйи ихтисоси 6D051100 – Маркетинг (6D051101 – Маркетинг) мувофиқат мекунад.

Диссертатсияи Давлаталии Абдусаломзода аз муқаддима, се боб, хулоса ва тавсияҳо, рӯйхати адабиёт аз 160 номгӯй иборат аст. Ҳаҷми диссертатсия 183 саҳифаи матни чопи компютериро ташкил дода, 23 ҷадвал ва 14 расмро дар бар мегирад.

Вобаста ба мавзуъ ва масоили таҳқиқи диссертатсионӣ 16 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 7 мақола дар маҷаллаҳои илмии дар феҳристи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон воридбуда, интишор гардидааст, ки ҳаҷми умумии онҳо 6,8 ҷузъи чопӣ (аз ҷумла 6,2 ҷузъи чопӣ аз муаллиф)-ро ташкил медиҳад.

Мундариҷаи асосии таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия дар таълифоти зерини муаллиф инъикос ёфтааст:

I. **Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд:**

1. Абдусаломзода, Д. Нақши корхонаҳои саноатии вилояти Хатлон дар рушди саноатикунонии мамлакат / Д. Абдусаломзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2022. - № 9. – С. 126-131.

2. Абдусаломзода, Д. Асосҳои идоракунии фаъолияти маркетингӣ дар корхонаҳои саноатии вилояти Хатлон / Д. Абдусаломзода // Идоракунии давлатӣ. – 2023. – № 1(60). – С. 100-105 .

3. Абдусаломзода, Д. Ҷанбаҳои иқтисодии таҳаввули маркетинг / Д. Абдусаломзода // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2024. - №4/1 (54). – С. 128-133.

4. Абдусаломзода, Д. Таҳқиқоти маркетингӣ дар шароити муосир: иқтидор ва дурнамо барои Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Д. Абдусаломзода, Н. Носири // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ. – 2025. - № 1/2 (134). – С. 500-505

5. Абдусаломзода, Д. Асосноккунӣ ва қабули қарорҳои маркетингӣ дар корхонаҳои саноатӣ / Д. Абдусаломзода // Идоракунии давлатӣ. – 2025. - № 2. – С. 17-24.

6. Абдусаломзода, Д. Основы возникновения понятия маркетинга и его развитие в Республике Таджикистан / Б.Х. Каримов, Д. Абдусаломзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2025. - № 4. – С. 78-87.

7. Абдусаломзода, Д. Вазъи низоми маркетинг дар корхонаҳои саноатии вилояти Хатлон [Матн] / Д. Абдусаломзода // Кишоварз. – 2025. - № 3 (108). – С. 297-302

**II.Мақолаҳо ва фишурдаи интишорот дар маҷмуаҳои дигар:**

1. Абдусаломзода, Д. Нақши идоракунии маркетинги корхонаҳои саноатӣ дар рушди устувор [Матн] / Д. Абдусаломзода // Ташаккули «иқтисодиёти сабз» ҳамчун омили рушди иқтисодиёти миллӣ. Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ (ш. Кӯлоб, 22 майи соли 2024). –Кӯлоб: Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А.Рӯдакӣ, 2024 – С. 330-334

2. Абдусаломзода, Д. Нақши маркетинг дар корхонаҳои саноатӣ дар рушди устувори Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Д. Абдусаломзода // Муаммоҳои муосири баҳисобгирии муҳосибӣ, таҳлил ва аудит дар шароити ғайринақдикунонии пардохтҳо. Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ (ш. Кӯлоб, 10 октябри соли 2024). – Кӯлоб: Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А.Рӯдакӣ, 2024 – С. 155-159

3. Давлатали, А. Экономические предпосылки возникновения маркетинга в деятельности субъектов предпринимательства / А. Давлатали // Экономика предприятий, регионов, стран: актуальные вопросы и современные аспекты: сборник статей XV Международной научно- 186 практической конференции, Пенза, 25 октября 2024 года. – Пенза: Наука и Просвещение (ИП Гуляев Г.Ю.), 2024. – С. 32-35

4. Абдусаломзода, Д. Заминаҳои таърихӣ ва ҷанбаҳои иқтисодии таҳаввули мафҳуми маркетинг / Д. Абдусаломзода // Масъалаҳои мубрами баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит дар шароити иқтисоди рақамӣ ва саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маводи конфронси илмӣ амалии байналмилалӣ (ш. Душанбе, 9 ноябри соли 2024). – Душанбе: ДБССТ, 2024. - С. 96-100

5. Абдусаломзода, Д. Рушд ва идоракунии соҳаи бонкдории кишвар дар асоси таҳқиқотҳои маркетингӣ / Д. Абдусаломзода // Ташаккули бахши молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва нақши он дар рушди устувори иқтисоди миллӣ. Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ (ш. Кӯлоб, 17 декабри соли 2022). – Кӯлоб: Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ, 2022 – С. 211-214

6. Абдусаломзода, Д. Маркетинги корхонаҳои саноатӣ дар шароити муосири рақамикунонӣ / Д. Абдусаломзода, Ф. Шамсуллозода // Захираҳои гидроэнергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон: ҳолат, рушд ва имкониятҳои истифодабарии самараноки он. Маводи конференсияи илмӣ амалии байналмилалӣ (ш. Кӯлоб, 20-21 декабри соли 2024) – Кӯлоб: Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб, 2024. - С. 104-108

7. Давлаталии, А. Адаптация зарубежного опыта промышленного маркетинга в Республике Таджикистан / А. Давлаталии // Экономическое обозрение: актуальные вопросы, достижения и инновации: сборник статей III Международной научно-практической конференции, Пенза, 25 апреля 2025 года. - Пенза: Наука и Просвещение (ИП Гуляев Г.Ю.), 2025. – С. 25-29

8. Давлатали, А. Формирование среды для развития маркетинга в промышленности Хатлонской области / А. Давлатали // Теория и практика современных научных исследований: сборник статей Международной научно-практической конференции, Петрозаводск, 5 мая 2025 года. – Петрозаводск: Международный центр научного партнерства. – С. 32-41

9. Навруз Н. Цифровая трансформация маркетинга на промышленных предприятиях Хатлонской области / Н. Навруз., А. Давлаталии // Экономическое обозрение: актуальные вопросы, достижения и инновации: сборник статей 4 Международной научно-практической конференции, Пенза, 10 май 2025 года. - Пенза: Наука и Просвещение (ИП Гуляев Г.Ю.), 2025. – С. 38-43.

## ҶАЛАСА ҚАРОР КАРД:

1. Диссертатсияи Давлаталии Абдусаломзода дар мавзуи «Хусусиятҳои ташаккул ва рушди маркетинг дар корхонаҳо (дар мисоли корхонаҳои саноатии вилояти Хатлон)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D051100 – Маркетинг (6D051101 – Маркетинг) кори илмии анҷомдёфта ҳисобида шавад;
2. Диссертатсияи Давлаталии Абдусаломзода дар мавзуи «Хусусиятҳои ташаккул ва рушди маркетинг дар корхонаҳо (дар мисоли корхонаҳои саноатии вилояти Хатлон)» барои дарёфти дараҷаи илмии

доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D051100 – Маркетинг (6D051101 – Маркетинг) бо дарназардошти ислоҳи камбудиҳои ошкоргардида, барои ҳимоя дар шурои диссертатсионии дахлдор тавсия дода шавад.

Хулосаи мазкур дар ҷаласаи кафедраи “Иқтисодиёти рақамӣ ва идоракунӣ”-и Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ аз 10-уми ноябри соли 2025, суратмаҷлиси №4 қабул гардидааст.

Иштирок доштанд: ҳамагӣ 18 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор»- 18 нафар, «зид»- нест, «бетараф»- нест.

**Раиси ҷаласа:**
**Мудири кафедраи иқтисодиёти рақамӣ ва идоракунии ДДК ба номи А.Рӯдакӣ, н.и.и., м.к.** **Раҳматзода У.Р.**

**Котиби илмӣ:**
**Муовини декан оид ба илм, инноватсия ва муносибатҳои байналмилалии ДДК ба номи А. Рӯдакӣ, н.и.и., м.к.** **Ҳаёзода Қ.А.**

Имзои Раҳматзода У.Р. ва Ҳаёзода Қ.А.-ро тасдиқ менамоям:

**Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДДК ба номи А. Рӯдакӣ** **Давлатов М.А.**

Суроға: 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Кӯлоб, кӯчаи С.Сафаров, 16.
Телефон: (+992 33-22) 2-35-06, 2-35-09,
E-mail:info@kgu.tj

«11» 11 соли 2025